**Тақризи**

**муқарризи расмӣ ба рисолаи диссертатсионии Бухориев Олим Салимович дар мавзуи «Вижагиҳои жанри дубайтӣ дар адабиёти навиштори ва гуфторӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – фолклоршиносӣ. – Душанбе, 2023. – 184 саҳ.**

Фолклоршиносӣ ё ба истилоҳ эҷодиёти шифоҳӣ новобаста аз дертар ҳамчун илми алоҳида эътироф гардиданаш, яке аз қадимтарин илмҳои соҳаи ҷомеашиносӣ ба шумор меравад. Муҳаққиқони русу Аврупо, аз ҷумла фолклоршиносони тоҷик пайдоиши асарҳои шифоҳиро ба замонҳои хеле қадим рабт дода, онро сарчашмаи эҷоди адиб ва пайдоиши адабиёти хаттӣ унвон додаанд. Мусаллам аст, ки дилхоҳ матни фолклорӣ дар оғоз аз ҷониби нафаре эҷод шуда, дар натиҷаи паҳн гардидану пайваста такрор шуданаш миёни мардум номи муаллиф ба гӯшаи фаромушӣ меравад ва он ҳамчун моли халқ эътироф мешавад. Дар навбати худ гӯяндагони халқӣ низ бо истифода аз асарҳои адабиёти хаттӣ ва ё дар шаклу қолаби ягон асар ба дарди худ мувофиқ чизе эҷод менамоянд, ки дар доираи лаҳҷаву шеваҳо мавриди истифодаи умум қарор мегирад. Ба ин далел метавон гуфт, ки умумиятҳои зиёде дар жанрҳои адабиёти хаттӣ ва шифоҳӣ мавҷуданд ва аз ин сабаб наметавон зимни таҳқиқ ин ду шохаи илми филологияро аз ҳам ҷудо таҳлилу баррасӣ намуд.

Яке аз масъалаҳои муҳими илми фолклоршиносӣ ҳанӯз аз давраи пайдоиши он омӯзиш ва табақабандии жанрҳои фолклорӣ мебошад. Бояд гуфт, ки муҳаққиқони соҳа жанрҳои эҷодиёти даҳонакии халқро ба ду гурӯҳ – жанрҳои насрӣ ва назмӣ ҷудо намудаанд. Иловатан як қисми дигари жанрҳои хурдро, ки дар қолаби махсус эҷод гардидаанд, паремеология унвон додаанд. Ҳамин навъи табақабандӣ дар адабиёти хаттӣ ҳам мавҷуд аст, ки зимни таҳқиқ, ба хусус таҳлили поэтикӣ таваҷҷуҳ бевосита дар ҳарду шоха, ҳам адабиёти хаттӣ ва ҳам фолклор, ба хусусияти жанрии асарҳо ҳатман равона мегардад.

Чуноне ишора шуд, агарчанде умумиятҳои зиёди илмӣ дар фолклор ва адабиёти хаттӣ вуҷуд дошта бошад ҳам, аз ҷониби муҳаққиқон камтар маврид сурат мегирад, ки омӯзиши ин ё он жанр ҳам дар адабиёти хаттӣ ва ҳам адабиёти шифоҳӣ ба таври муқоиса баррасӣ шуда бошад. Аксари тадқиқоти то ин замон анҷом додашуда ё ба таври алоҳида сурат гирифтааст ва ё дар баъзе маврид истифодаи ин ё он жанр дар фолклор ва адабиёти хаттӣ ба таври умумӣ натиҷагирӣ шудаанд.

Муҳаққиқе, ки феълан диссертатсияашро барои дифоъ пешкаш намудааст, аз зумраи нафаронест, ки ҳамбастагии яке аз жанрҳои маъмули мардумиро ҳам дар адабиёти хаттӣ ва ҳам эҷодиёти шифоҳӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Диссертатсияи Бухориев Олим Салимович **“Вижагиҳои жанри дубайтӣ дар адабиёти навишторӣ ва гуфторӣ”** номгузорӣ шуда, аз муқаддима, чор боб, хулоса, тавсияҳо оид ба натиҷаҳои амалии таҳқиқ, рӯйхати адабият ва таълифоти худи муаллиф дар доираи кори анҷомёфта иборат мебошад, ки пурра мувофиқи талабот ва меъёрҳои муқаррарнамудаи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф гардидааст.

Бахши муқаддимаи кор чун анъана ба ду қисмат ҷудо шуда, дар қисми аввал оид ба *мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ* сухан меравад. Дар қисми дуюми муқаддима, ки *тавсифи умумии диссертатсия* инъикос мегардад, дар бораи *мақсади таҳқиқ, вазифаҳои таҳқиқ, объекти таҳқиқ, предмети таҳқиқ, асосҳои назарии таҳқиқ, методологияи таҳқиқ, навгониҳои таҳқиқ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, арзишҳои назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахси довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва сохтори рисола* маълумот дода шудааст. Аз муҳтаво ва банду басти муқаддимаи кор бармеояд, ки унвонҷӯ дар таҳияи диссертатсия заҳмати зиёд сарф намуда, онро воқеан дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расонидааст. Бояд зикр намуд, ки Бухориев Олим моҳияти

асарҳои фолклориро дар байни мардум ва ҳам дар доираи илмӣ хеле назаррас ҳисобида, онро асоси устувории адабиёти хаттӣ меҳисобад. Аз ҷумла ӯ қайд менамояд, ки дар давраи таназзули адабиёти хаттӣ фолклор ҳифзкунандаи он будааст.

Боби аввали диссертатсия **“Таърихчаи ташаккул ва таҳаввули дубайтӣ”** унвонгузорӣ шуда, се фасл – “Пайдоиши навъи дубайтӣ”, “Ташаккули дубайтӣ” ва “Таҳаввули дубайтӣ”-ро дар бар гирифтааст. Дар фасли аввал оид ба пайдоиши жанри дубайтӣ, ҳамбастагӣ ва истифода он дар адабиёти хаттии даврахои гуногуни таърихӣ таҳлилу натиҷагириҳо анҷом дода шудааст. Ба ақидаи муаллиф ҷойгоҳи жанри дубайтӣ дар адабиёти тоҷик дар қатори жанри рубоӣ бунёди миллӣ дошта, дар радифи матнҳои туркӣ, курдӣ ва ё чинӣ ба вуҷуд омадани он, ки муҳаққиқони қаблӣ тахмин задаанд, асоси воқеӣ надорад. Муаллиф барои исботи андешааш далелҳои зиёдеро аз сарчашмаҳои таърихӣ намуна овардааст.

Дар фасли дуюми ҳамин боб дараҷаи ташаккули жанри дубайтиро дар адабиёти классикӣ ва баъдан дар адабиёти муосир, ҳамчунин истифодаи фаровони дубайтиро дар адабиёти шифоҳӣ бо овардани факту далелҳои муътамад таҳлилу баррасӣ намудааст. Муҳаққиқ бар он назар аст, ки ҳамбастагиҳо дар адабиёти хаттӣ ва шифоҳӣ решаи таърихӣ доранд, аммо зимни эҷоди жанри дубайтӣ дар эҷодиёти шоир Бобо Тоҳири Урён бешак таъсири фолклор бештар баназар мерасад. Ӯ дар ин маврид чунин менависад: “Таъсири мутақобилаи фолклор ва адабиёти навиштторӣ дар ҳар давру замон вуҷуд дошт ва ин муносибати дуҷониба бо зуҳури шоири дубайтисаро Бобо Тоҳири Урён бештар тақвият меёбад”. (Дисс. саҳ.46).

Нишондоди назарраси дигари диссертант дар фасли сеюми ҳамин боб “Таҳавули дубайтӣ” мебошад, ки тавассути ду ҷадвал жанри рубоиро давра ба давра, ҳам дар адабиёти хаттӣ ва ҳам фолклор таҳлили оморӣ намудааст. Агарчанде муаллифи диссертатсия зимни нишондоди ҷадвали оморӣ тамоми сарчашмаҳоро фаро нагирифта бошад ҳам дар ин самт

ягона таҳлилест, ки бо такя ба он дар кадом давра чӣ андоза истифода шудани жанри дубайтӣ муайяну мушаххас гардидааст.

Пас аз таҳлилу натиҷагирӣ диссертант ба хулосае меояд, ки истифодаи жанри дубайтӣ дар адабиёти хаттии асрҳои X то XX чандон фаъол набуда, дар замони  муосир бештар ривоҷу равнақ ёфтааст. Аз ҷумла чунин қайд намудааст: "Пас, метавон чунин натиҷа гирифт, ки навъи дубайтӣ дар адабиёти навишторӣ аз асри X то асри XX таҳаввули назаррасе надоштааст. Аммо ин шакли шеър дар адабиёти навиштории муосири тоҷик мавқеи шоистае пайдо карда, тадриҷан ривоҷу равнақ меёбад. Рушди устувори ин падидаи адабӣ дар адабиёти навишторӣ метавонад барои ривоҷу равнақи навъи дубайтӣ дар адабиёти гуфтории тоҷикони Осиёи Миёна, ки инкишофи он дар муқоиса бо таҳаввули ин навъи адабӣ дар фолклори тоҷикзабонони кишварҳои ҳамҷавор камрангтар аст, таъсиргузор бошад". (Дисс. саҳ. 56).

Боби дуюми диссертатсия, ки муҳаққиқ онро **"Вижагиҳои мавзуъ дар жанри дубайтӣ"** номгузорӣ кардааст, иборат аз чаҳор фасл – "Шинохти мафҳум ва моҳияти мавзуъ", "Ишқ – мавзуи меҳварии навъи дубайтӣ", "Ғарибӣ", "Муҳаббат ба ватан", "Мавзуъҳои гуногуни иҷтимоӣ" буда, дар мавриди мавзую мундариҷаи ғоявии дубайтиҳо маълумоти дақиқи илмӣ ироа гардидааст. Гарчанде дар ҳама мавзуъҳо бо овардани намунаҳо аз адабиёти хаттӣ ва фолклор таҳлилҳо сурат гирифта бошанд ҳам, аммо дар қисмати хулосаи боб такроран таъкид менамояд, ки мавзуи меҳварии дубайтиҳои тоҷикиро тараннуми ишқу муҳаббат дар бар гирифтаанд. Ҳамин аст, ки фасли мазкурро васеътар ва бо зерфаслҳо ҷудо намудааст.

Дар фасли дуюм бошад, оид ба мавзуи ғарибӣ сухан ронда, дарҷ менамояд, ки мавзуи ғарибӣ ҳамчун доғи иҷтимоӣ дар ҳама давру замонҳо вуҷуд дошт ва дар ҳама жанрҳои адабиёт инъикоси он баръало мушоҳида мешавад. Ҳамин гуна дар дубайтиҳои хаттиву шифоҳӣ ҳам фаровон матнҳое мавҷуданд, ки маҳз дар мавзуи ғарибӣ суруда шудаанд.

Муаллифи диссертатсия дар фаслҳои минбаъдаи ҳамин боб оид ба мавзуъҳои муҳаббат ба Ватан ва дигар мавзуъҳои ичтимоӣ дар такя ба намунаи фаровони дубайтиҳои адабиёти хаттиву шифоҳӣ фикру мулоҳизаҳояшро асоснок намудааст.

Ба андешаи мо боби сеюми диссертатсия, ки **“Вижагиҳои сохтори дубайтӣ”** унвон гирифтааст, яке аз қисматҳои асосии кор ба шумор меравад. Метавон гуфт, ки маҳз дар ҳамин қисмати кор дақиқан сохтори дубайтиҳои тоҷикӣ нисбати тадқиқотҳои қаблӣ мукаммалтар муайяну мушаххас гардонида шудааст. Мусаллам аст, ки то ҳол муҳаққиқон жанри дубайтиро дар дохили жанри рубоӣ омехта мавриди истифода қарор медоданд. Албатта, муаллиф ҳам дар чанд маврид онро ҳамчун субжанри рубоӣ унвон додааст, аммо аз нуқтаи назари сохтор ва вазн бо такя ба тадқиқоти дигар донишмандон чаҳорчубаи дубайтиро ҳамчун жанр нишон додааст, ки қимати илмии диссертатсияро боз ҳам баланд бардоштааст.

Ҳамин гуна дар боби чоруми кори диссертатсионӣ **“Вижагиҳои забон ва воситаҳои баён дар навъи дубайтӣ”** дар ду фасл оид ба забону услуб, сабки дубайтиҳо ва истифодаи воситаҳои тасвири бадеии дубайтиҳо тадқиқоти комили илмӣ анҷом дода шудааст. Дар қисмати забон ва сабки дубайтиҳо баъди таҳлилҳо ба чунин натиҷа мерасад, ки бо сабаби забони сода ва сабки шево доштан дубайтиҳо тез ба дили мардум роҳ ёфтаву мавриди истифодаи умум қарор мегиранд. Чунончи ӯ менависад: “Бо вуҷуди ин, забони содаву равони аксари дубайтиҳои мардумӣ, ки дар чунин қолаби мавзун эҷод гардидаанд ва дорои вазну қофияву радифҳои мутаносиб мебошанд, ҳамеша зебову дилкаш менамояд. Боиси тааҷҷуб аст, ки сароядагони мардумӣ бидуни огаҳӣ аз илми балоғату назарияпардозиҳои адабӣ тавонистаанд мавзунии калом, асолати маъно ва зебоии суханро дар забони чунин осор ба наҳви дилпазир таҷассум намоянд”. (Дисс. саҳ. 130).

Дар интиҳо диссертант оид ба ҳар бобу фасл андешаҳояшро дар 15 банд ба таври хулоса натиҷагирӣ намудааст, ки хеле мукаммал ва асоснок

аст. Воқеан хулосаҳои унвонҷӯ оид ба ҳар як фасли рисола дақиқан илмӣ мебошанд. Ҳамзамон тавсияҳое, ки баъди натиҷагириҳо аз ҷониби муаллиф пешниҳод шудаанд, дар таҳқиқоти минбаъдаи соҳавӣ метавонанд хеле назаррас ва судманд бошанд.

Аз рӯйхати адабиёт ва истифодаи сарчашмаҳо аён аст, ки муҳаққиқ дар таҳия ва таълифи диссертатсия заҳмати чандинсола сарф намуда, маводи фаровонеро мутолиа ва истифода намудааст, ки боиси таҳсин мебошад. Дар маҷмуъ барои таҳлилу баррасиҳои минбаъдаи ҳам адабиёти хаттӣ ва ҳам фолклор диссертатсияи Бухориев Олим Салимович дастури хуби соҳавӣ буда метавонад. Интишори диссертатсия дар шакли монография ва тавсияи он ба илмомӯзони минбаъда ба андешаи мо амали накӯест дар илми филологияи тоҷик.

Муваффақиятҳои диссертант хеле зиёданд ва зимни таълифи як тақриз наметавон ҳар кадоме аз онҳоро нукта ба нукта ва ё банд банд қайд намуд. Вале дар қатори дастоварду муваффақиятҳои кор баъзе аз норасоиву камбудиҳои ҷузъӣ ҳам ҷой доранд, ки аз назари муаллиф дур мондаанд. Ишора ва ислоҳи онҳо барои мукаммалтар гардидани кор дар таълифоти минбаъда ба манфиати кор хоҳад буд.

1. Зимни истифода ва ё қабули истилоҳ андешаҳои муҳаққиқони қаблӣ бояд ба инобат гирифта шаванд. Инчунин унвонгузорӣ дар асоси принсипҳои муайян муқаррар шаванд. Дар унвони диссертатсия **«Вижагиҳои жанри дубайтӣ дар адабиёти навишторӣ ва гуфторӣ»** истилоҳҳои “навишторӣ” ва “гуфторӣ” сохта ба назар мерасанд. Шояд муаллиф онҳоро бо тақлиди эрониҳо мавриди корбурд қарор дода бошад. Агар ба ҷои онҳо вожаҳои “хаттӣ” ва “шифоҳӣ”-ро, ки муҳаққиқони қаблӣ ба кор бурдаанд, истифода менамуд фаҳмо ва равонтар ба назар мерасид. Иловатан бояд гуфт, ки матнҳои фолклорӣ ҳам имрӯз тавассути сомонаҳои иҷтимоӣ ва ё дигар воситаҳои техникӣ дар шакли навишторӣ паҳн мешаванд.

2. Дар мавриди номгузории бобҳо ҳам якрангӣ ба назар мерасад. Истифодаи калимаи “вижагиҳо” аз унвони диссертатсия сар карда дар

ҳама бобҳо такрор шудааст. Ба ҷои он дар баъзе маврид агар муродифҳои калимаи мазкур ва ё умуман унвонгузорӣ каме дигартар сурат мегирифт ҳусни корро зеботар мекард.

3. Дар муқаддима муаллиф қайд мекунад, ки диссертатсия мувофиқ ба барномаҳоии куллии илмии шуъбаи фолклор, ки барои солҳои 2020-2025 тасдиқ шудаанд, таълиф шудааст. Аммо дақиқан унвони барнома ва ё лоиҳаҳо оварда нашудаанд, ки ин гуфтаҳо асоснок карда шаванд.

4. Дар фасли аввали боби дуюм “Шинохти мафҳум ва моҳияти мавзуъ” ба таҳлилу баррасии шеър ва назм дар шакли умумӣ бештар дода шуда, дар бораи дубайтӣ ҳамагӣ дар як сархат ва ё се ҷумла ҳарф мезанад. Хуб мешуд дар ин қисмати кор оид ба дубайтӣ ва мавқеи он васеътар андешаронӣ менамуд.

5. Бо вуҷуди истифодаи васеи адабиёти илмӣ ва маъхазҳо баъзе асарҳои донишмандон аз назари муҳаққиқ берун мондаанд, ки ба мавзуи кор рабти бевосита доштанд. Барои мисол китоби Ҷ.Обидпур. **Андар шинохти рубоӣ ва дубайтӣ (аз нигоҳи мусиқишиносӣ).**

6. Дар рисола ҷо-ҷо ғалатҳои имлоиву техникӣ, афтидани ҳарфҳо ё иваз шудани онҳо (саҳ. 3, 7, 9, 11, 27, 36, 42, 82, 86, 104, 121, 143) ҷой доранд, ки мо онҳоро ишора намудаем.

Нуқсону камбудиҳои ишорашуда ҷузъӣ буда, арзиши илмии корро коста намекунанд ва диссертатсияи Бухориев Олим Салимович таҳти унвони “**Вижагиҳои жанри дубайтӣ дар адабиёти навишторӣ ва гуфторӣ**” ба тамоми талаботи диссертатсиянависии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Мақолаҳои интишорнамудаи диссертант муҳтавои диссертатсияро ба пуррагӣ фаро гирифтаанд ва муаллифи он барои гирифтани дараҷаи илмии **номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ** арзанда мебошад.

Номзади илмҳои филологӣ,
Директори Муассисаи давлатии
Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии
фарҳанг ва иттилооти
Вазорати фарҳанги
Ҷумҳурии Тоҷикистон Аминов А.Ҳ.

«18» август соли 2023

Суроға: 734018, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев 17.
Тел: +(992) 934-62-63-46, +(992) 907-62-63-46
E-mail: raboni_81@mail.ru

Имзои Аминов Абдулфатоҳро
тасдиқ мекунам:
Нозири кадри Пажӯҳишгоҳи
илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот Холиқова М.И.

Суроға: 734018, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев 17.
Тел: +(992) 233-58-84, +(992) 987-76-64-91
E-mail: vfarhang98@gmail.com

«18» август соли 2023